**Золотухин Алексей Валеревич**

**Сармуҳаррир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

9 марти соли 1983 дар шахри Хисор таваллуд шудааст, шахрванди Чумхурии Точикистон мебошад.

Соли 2005 факултети ҳуқуқшиносии МТБ ТОК «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон»-ро хатм кардааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 2003 ба ҳайси омӯзгори фанни ҳуқуқ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 1-и ноҳияи Ҳисор оғоз кардааст.

Соли 2005 ба Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ба вазифаи мушовири ректор ба кор қабул шуда, ҳамзамон ба ҳайси муаллим, муаллими калон, дотсент ва баъдан ба ҳайси профессори кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии МТБ ТОК «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» кор кардааст.

Аз моҳи декабри соли 2012 то моҳи марти соли 2015 дар вазифаи декани факултети ҳуқуқшиносии ДСРТ кор кардааст. Аз моҳи марти соли 2015 то моҳи майи соли 2017 мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДСРТ буд.

Аз моҳи майи соли 2017 ба вазифаи декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон таъин гардид.

Соли 2009 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии суғуртаи ҳатмии амвол дар ҳуқуқи гражданӣ» дифоъ кардааст.

Соли 2013 унвони илмии дотсенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ шудааст.

Соли 2016 рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Таъмини ҳуқуқии суғуртаи таваккалҳои соҳибкорӣ дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» дифоъ кардааст.

Ба ҳайси роҳбари илмӣ 3 нафар номзадҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва 1 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносиро тайёр кардааст.

87 нашрия, аз ҷумла 19 нашрияи таълимӣ ва 68 асари илмӣ дар амалияи педагогӣ, аз ҷумла: 6 китоби дарсӣ ва 3 монография дорад.

**Хизматҳо**:

- соли 2006 бо медали ҷашнии «10-солагии ДСРТ» мукофотонида шудааст,
- соли 2009 бо нишони сарисинагӣ ва шаҳодатномаи «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тотористон»,
- соли 2011 ба ифтихори 85-солагии дипломатияи мардумӣ бо дипломи Маркази илм ва фарҳанги Федератсияи Русия мукофотонида шуд.
- соли 2014 бо медали ҷашнии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- соли 2014 бо ифтихорномаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 20 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шудааст.
- соли 2016 бо нишони фахрии Маркази илм ва фарҳанги Федератсияи Руссия «Барои дӯстӣ ва ҳамкорӣ» сарфароз гардидааст.
- Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2016 бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст.
- соли 2017 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дипломи Ҷоизаи ба номи И.Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соҳаи илм ва технология сарфароз гардонида шуд.
- Солҳои 2017, 2018, 2019 барои омода намудани ғолибони Озмуни XII ва XIII умумирусиявии ҷавонон оид ба таълиму тарбия ва ифтихорномаҳои Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия (Системаи миллии «Интегратсия») барои асари бехтарин «Ташаббуси конунгузорй». сарфароз гардидааст.
- Бо фармони Вазорати маориф ва илми Русия аз 15 декабри соли 2020 №533/кн унвони фахрии «Корманди шоистаи маорифи Федератсияи Русия» дода шуд.
- Соли 2021 дипломи Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия (Системаи миллии «Интегратсия») «Барои пирӯзӣ» (Резервҳои депутатӣ) ба ҳайси роҳбари илмӣ дар Озмуни XVI умумирусиявии ҷавонон гирифт.

- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2021. № 213 бо медали «Хизмати шоиста» мукофотонида шудааст.
- Аз соли 2015 – ҳамчун узви Шӯрои илмӣ-машваратии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Маҷаллаи илмии «Паёми ҳуқуқӣ» (минбаъд - Маҷалла)-и факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи васоити ахбори омма, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касбии "Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон " ва Низомномаи мазкур дар бораи маҷаллаи илмӣ «Пайми ҳуқуқӣ» нашр мегардад.

Муассиси маҷалла Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касбии “ илми ” (минбаъд – ДСРТ) мебошад.

Маҷалла нашрияи илмии даврии обунавӣ мебошад, ки мақолаҳо, тақризҳо ва дигар маълумоти марбут ба рушди илми ҳуқуқро дар бар мегирад.

Ҳадафи асосӣ фароҳам овардани имкон ба ҷомеаи илмӣ ва таҷрибаомӯзон барои нашри натиҷаҳои таҳқиқоти худ, ҷалби таваҷҷуҳ ба самтҳои ояндадор ва дахлдори илми ҳуқуқшиносӣ ва густариши табодули афкор миёни ҷомеаи илмии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ мебошад.

**Вазифаҳои маҷалла:**

• дар шакли визуалӣ пешниҳод намудани маълумоти бисёрҷонибаи муфид ва боэътимод оид ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ барои ҷомеаи илмӣ;

• дар тахия ва ҳалли на танҳо масъалаҳои илмӣ, балки амалӣ дар доираи соҳаҳои ҳуқуқ саҳм гузоранд;

• ҳамкорӣ бо ҷомеаи илмии донишгоҳҳои пешбари ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ;

• фароҳам овардани платформаи иттилоотӣ барои муколама ва табодули дониш байни олимон ва кормандони амалӣ;

• маълумот доир ба дастовардҳои илмии кормандони факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ ба ҷомеаи илмӣ ва касбӣ пешкаш гардонад.

2.4. Маҷалла маводҳои марбут ба шифрҳои зерини ихтисосҳоро нашр мекунад:

• 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи суди конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипалӣ;

• 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;

• 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

• 12.00.09 - Мурофияи ҷиноятӣ

• 12.00.10 - Ҳуқуқи байналмилалӣ; Ҳуқуқи Аврупоӣ.

Давраи маҷалла дар ҳаҷми 4 шумора дар як сол (1 маротиба дар як семоҳа) бо ҳаҷми то 20 в.ч. шартӣ муқаррар карда мешавад. Дар он ҳамчунин имкони нашри шумораҳои махсуси маҷалла, замимаҳои маҷалла, инчунин нашри маҷалла дар асоси маводи конфронсҳои илмие, ки дар факултети ҳуқуқшиносии ДСРТ доир гардидаанд, пешбинӣ шудааст.